**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи «Низоми ҷонишинҳои забонҳои вахонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.19. – Назарияи забон**

Мавзуи диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна аз ҷиҳати интихоби мавзуъ мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии тоҷик, баррасии вижагиҳои ҷонишинҳои забонҳои вахонӣ бахшида шудааст.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионии Неъматова Бибиқанд, пеш аз ҳама, таҳқиқу пажуҳиши нав дар ин самт буда, хусусиятҳои грамматикӣ, луғавӣ ва семантикии низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ мебошад, ки нишон додани умумияту истифодаи ҷонишинҳо дар водии Вахон бисёр як кори муҳимми илмӣ мебошад, ки муҳаққиқ аз уҳдаи ин ба хубӣ баромадааст.

Пажуҳиши ҷонишинҳои забони вахонӣ аз он ҷиҳат судманд аст, ки бори аввал оид ба ҷонишинҳои як минтақа кори диссертатсионӣ ба анҷом расида, ба ин восита метавон ба хусусиятҳои дастурии як минтақа, доир ба ҷонишинҳо ва хусусияти дастурии он маълумоти дақиқ пайдо кард. Диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқи хусусиятҳои як забони таҳқиқшавандаро ки арзиши баланди илмиро дорост, фаро гирифта шудааст.

Диссертант моҳияти мавзуи таҳқиқро дуруст дарк карда, ба қадри тавон таҳлил намуда, бо назардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ матолиби баррасишавандаро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёту сарчашмаҳо ба шакл даровардааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи муқаррарот, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахии довталаби дараҷаи илмӣ дар

таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян тавсиф шудааст.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат намуда метавонад. Мавриди зикр аст, ки таҳқиқи диссертатсионӣ дорои навгонии муайяни илмӣ мебошад, чунки бори нахуст ҷонишинҳои як минтақаи муайян ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Ҳар бобу фаслҳои диссертатсия паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, мантиқан бо ҳамдигар алоқамананд.

Автореферати диссертатсия бо забони ровону фаҳмо ва фасеҳ таълиф гардида, бешубҳа натиҷаҳои кори таҳқиқотии унвонҷӯро инъикос мекунад. Аз саҳифаҳои автореферат чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқ аз корҳои илмии олимони шинохтаи соҳа огаҳӣ дорад ва дар баробари эҳтироми илмӣ гузоштан ба андешаҳои донишмандони забоншинос фикрҳои шахсии худро низ бо далелҳои мушаххас баён намудааст.

Диссертант дар 10 банд натиҷаи кори таҳқиқотии худро хулосабарорӣ кардааст, ки моҳияти онро ифода менамоянд. Автореферати Неъматова Бибиқанд дар асоси стандартҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф шудааст.

Ҳамин тавр, диссертант вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ҳаллу фасл намуда, як кори илмии хуберо ба анҷом расонидааст. Бо вуҷуди ин ҳама муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Забони диссертатсия равону илмӣ бошад ҳам, гоҳо ҷумлаҳои носуфта ба назар мерасад.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзан такрори фикр ба мушоҳида расид.

3. Баъзе ғалатҳои имлоӣ ва аломатҳои китобатӣ дар (саҳ. 3, 6, 7, 9, 12, 13, 15, 17) ба мушоҳида расид.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, арзиши умумии илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати фарогирӣ ва таҳлили мавод, истифодаи осори илмӣ комил буда, кори илмии баанҷомрасида маҳсуб мегардад. Муаллиф оид ба мавзуъ мақолаҳои илмиро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и  Федератсияи Россия дарҷ намудааст, ки муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунанд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти мақолаҳои зикршуда, мавзуи диссертатсияро ба меъёрҳои талаботи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти ҶТ. ҷавоб гуфта метавонанд.

Диссертатсияи номзадии Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи "Низоми ҷонишинҳои забонҳои вахонӣ" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 - Назарияи забон сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
забони тоҷикии факултети филологияи
тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ Хокироев Р.Г.

**Нишонӣ:** ш. Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ 121
**Тел:** (+992) 907 82 91 74

Имзои Хокироев Ризо Гиёевичро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.

"05" январи соли 2024